# Тақриз

**ба автореферати Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурӣи Тоҷикистон ва созмони ҳамкории Исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX — ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна**

Бо ба даст овардани истиқлолият барои омӯзиши таҳқиқи пурра ва фарохи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ имконияти зиёд ба миён омад. Дар равобити байналмилалии феълӣ созмонҳои мухталифе фаъолият доранд, ки онҳо дар канори дигар созмону давлатҳо дар ҳаллу фасли масоили гуногуни ҷаҳон ширкат меварзанд. Яке аз чунин созмонҳо Созмони ҳамкории исломӣ мебошад, ки то 28 июни соли 2011 бо номи Созмони конфронси исломӣ (СКИ) маъруф буд. Ин ниҳод феълан дар радифи дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дар равобити байналмилалӣ мавқеи хос дорад, ки ба як чанд омили иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ вобаста аст. Дар марҳалаи имрӯзаи рушду такомули равобити байналмилалӣ СҲИ ба таҳаввулоти ҷиддӣ дучор гашта, аз нигоҳи нуфузу эътибор, теъдоди аъзо ва пураҳаммият будани тасмимҳои худ баъди Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) мақоми дуюмро дорад ва аз соли 1975 мақоми нозирро дар ин созмон дарёфт кардааст.

Барои ҷумҳурии мо ҷиҳати татбиқи манофеи минтақавӣ муҳим ин аст, ки дар чунин созмони бисёрҳайата иштирок дошта бошад. Аз ҷониби дигар, хатару таҳдидҳои мавҷуда, алалхусус дар бахши амният, ҳамкориҳои сиёсиву низомиро бо бисёр давлатҳои узви ин созмон талаб мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз дарёфти истиқлол бо таваҷҷуҳ ба вазъи сиёсии ҷаҳон роҳи хосси ҳаракати хеш ва сиёсати мушаххаси ба худ хосро касб намуда, дар масири истиқрори равобити судманд бо мамолики Шарқ ва Ғарб ҳаракат карда истодааст.

Ҳадафи ин таҳқиқот аз мушаххас кардани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ва инчунин масъалаҳое, ки аз ҳамин мавзуи мустақили таҳқиқоти илмӣ бармеоянд, иборат аст. Диссертатсия ба дарки масъалаҳо ва дурнамои рушди муносибот миёни ду субъекти равобити байналмилалӣ мусоидат намуда, самтҳои асосии иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-башариро дар миёни онҳо дар шароити воқеияти нави геополитикӣ бозгӯ мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд ташкилоту муассисаҳое, ки ба фаъолияти байналмилалӣ машғуланд, муфид бошад. Имкон дорад, ки маводди диссертатсия дар рафти минбаъдаи омӯзиши ин проблемаи илмӣ ва тадриси курсҳо доир ба муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, геополитика ва этнополитология истифода шаванд.

Дар охир унвонҷӯ ба чунин хулоса меояд, ки ин созмон ҳамон тавре қаблан ишора рафт танҳо созмоне дар ҷаҳон мебошад, ки бар пояи дин таъсис дода шуда, аммо кишварҳои мухталифро гирди ҳам ҷамъ овардааст, ки баъзеи онҳо сохти на динӣ, балки дунявӣ доранд, сарфи назар аз он ки аксарияти аҳолии ин кишварҳо пайрави дини ислом яке аз мазоҳиби он мебошанд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳама мусулмонанд, аммо давлат худ дунявӣ мебошад. Яке аз рукнҳои асосӣ дар фаъолияти СҲИ ба сатҳи баландтари рушд ва тавсеа расонидани давлатҳои узв ва таҳкими равобити иқтисодиву тиҷории байни онҳо мебошад.

Автореферат кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ҳамкории Исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна сазовор мебошад.

Тақриздиҳнанда: мудири кафедраи таърихи умумии
Донишгоҳи давлатии Данғара н.и.т. Алишери А

Имзои Алишери А -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.

Нишонӣ: 735320, ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ: E-mail: dddangara_2013@mail.ru
«13» 05 соли 2026